# Фитнаву моҷароҷӯӣ нишони гумроҳист

Мардуми тамаддунофари тоҷик пас аз ҷандин қарнҳо бо интизориҳои зиёд Истиқлолияти комилро ба даст оварда, соҳиби давлати ҷавон гардиданд. Таҳкими сулҳу субот ва шукуфоии Ватани маҳбубамон барои ҳар як нафари худогоҳу хештаншинос , ки марзу бум ва якпорчагии ин диёри куҳанро хамчун гавҳари ноёб ҳифз намуда, бо сарзамини аҷдодии хеш ифтихор менамояд, арзиши олӣ маҳсуб меёбад. Меҳвари асосии таҳкими сулҳу субот ва рушди Тоҷикистон аз сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулху Вахдати милли - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон сарчашма мегирад.

Бояд зикр намуд ки, нафароне ҳастанд, ки дар ин сарзамин таваллуд шуда, оқибат ҳамчун душмани миллат мехоҳанд бо ақидаву андешаҳои торикфикрона ва бо кӯмакҳои ғаразноки хоҷагони хориҷӣ барои вайрон кардани сохтори конституцсионии давлат, халалдор намудани ҳаёти орому осоишта бо мақсадҳои нопоку хиётанкорона , кирдорҳои бадахлоқонаву ғайриинсонии худро амалӣ намоянд. Ваҳшиёна ба қатл расонидани шахсиятҳои намоёни миллат дар солҳои ҷангӣ шаҳрвандӣ байни мардум ҳангомаҳои гуногунро ба миён овард, ки гуё ин амалкард дар асоси супориши Хокимияти давлатӣ сурат гирифтааст , лекин ин гуфтаҳо муҳобот буда, асоси воқеӣ надорад. Вале нашри махсуси барномае, ки тариқи телевизиони Тоҷикистон пахш гардид, гувоҳ аз он аст, ки душманони миллат бо нест кардани сиёсатмадорон ва шахсиятҳои маъруфи миллат мехостанд нобоварии мардумро нисбат ба сиёсати пешгирифтаи ҳукумати қонунӣ бештар намоянд ва ба иқтидори илмиву фарҳангии миллат зарба зананад. Мутаассифона, аз барномаи мазкур аён гардид, ки ин нақшаҳои нопок дар кишваре, ки бо мо ҳамзабону фарҳанги муштарак дорад, яъне дар Ҷумҳурии Исломии Эрон пешаки таҳрезӣ гардидааст.

Ин кирдори ғаразнок боиси таассуф ва нофаҳмии мардуми кишвар гардид. Мо тамоми ғаразҳову нақшаҳои ғайриахлоқии душманони миллатро қотеона маҳкум намуда, бо азму иродаи қавӣ шукрона аз соҳибистиқлоии кишвари маҳбубамон намуда, барои рушду нумӯи тамоми соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат ҳамчун сипари боэътимод фидокорона саҳми арзандаи худро дареғ намедорем ва дар роҳи ҳимои манфиятҳои миллии Тоҷикистони азиз сайъу кӯшиш менамоем.

**Шарипов М., н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатсиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**